Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (734019, ш. Душанбе, к. Ф. Муҳаммадиев 17/6)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Сафарзода Рухангези Акбар дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии низоми калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредор дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи тарҷума» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

Воҳидҳои мураккаби луғавӣ яке аз омилҳои ғанӣ шудани захираи луғавии забон ба ҳисоб меравaнд. Техника ва технологияи муосир бештар тавассути воҳидҳои мураккаби луғавӣ номгузорӣ карда мешаванд. Дар забони ВАО-и англисзабон истифодаи сохторҳои нимтиредор маъмул аст. Ин сохтор яке аз масъалаҳои мубрами дар диссертатсия матраҳшуда мебошад. Барои дастрас намудани муошироти одамон фаъолияти тарҷумонӣ ба миён меояд. Касби тарҷумашиносӣ тақозои замон аст. Аз ин ҷост, ки муаллиф масъалаи тарҷумаи воҳидҳои мураккаби луғавӣ ва сохторҳои нимтиредорро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Ҳар як забон воситаҳои калимасозӣ ва анъанаи истифодаи воҳидҳои забонии худро дорад, аз ин сабаб дуруст дарк намудани мазмуну муҳтаво ва воситаҳои муҳими тарҷумаи онҳо як қатор мушкилиҳои лексикӣ ва тарҷумавиро ба миён меоранд, ки дар натиҷа таркиби луғавии забон ба тағйирот дучор мегардад.

Мақсади диссертатсия дар таҳлили раванди ташаккулёбӣ ва анъанаҳои истифодаи калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредори забони англисӣ ва роҳу воситаҳои интиқоли онҳо ба забони тоҷикӣ ифода меёбад.

Ҳамчун заминаҳои эмпирикӣ луғатҳои англисӣ-русӣ ва англисӣ-тоҷикӣ дар раванди кори таҳқиқотӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ҳамзамон барои таҳлили муқоисавӣ мисолҳо аз асарҳои бадеии забони англисӣ, ки бо

забони тоҷикӣ тарҷума шудаанд, аз назар дур намондаанд. Сохторҳои мураккаби нимтиредор (сохторҳои мураккаби атрибутивии хоси забони англисӣ) аз сарчашмаҳои гуногун, аз қабили маҷмуаи маводи амалӣ бо номи «Техника перевода» ҷамъоварӣ гардидаанд, истифода шудаанд.

Дар умум, дар муқаддимаи кор бандҳои муҳими таҳқиқот ба таври илмӣ асоснок баён гардидаанд.

Бобҳо ва зербобҳо хеле дақиқ ва илман номгузорӣ карда шудаанд ва ҳар яки онҳо вобаста ба унвонашон фарогири маълумоти муфассал мебошанд. Новобаста аз оне ки дар автореферат фишурдаи маълумоти диссертатсия ҷой дода мешаввад, муаллиф тавонистаст дар он мисолҳои ҷолибро ишора намояд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки мисолҳо ҳам аз забони тоҷикӣ ва ҳам аз забони англисӣ илман ва хеле хуб мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Мақолаҳои таълифшудаи муҳаққиқ фарогири мазмуну мундариҷаи диссертатсия буда, он ба 13 адад мерасад, ки 6-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ба чоп расидаанд.

Бо дарназардошти таҳлилу таҳқиқ ва комёбиҳо дар автореферати диссертатсияи мавриди тақриз баъзе камбудиву норасоиҳои ночиз ҷой доранд:

1. Беҳтар мебуд, агар муаллиф дар баробари мавриди таҳқиқ қарор додани таълифоти илмии забоншиносони хориҷӣ ба осори забоншиносони ватанӣ низ таваҷҷуҳи бештар мекард.
2. Дар қисмати русии автореферат дар рақамгузории бандҳои хулоса хатоҳои техникӣ низ ба назар мерасанд.

Таҳқиқоти илмии аз тарафи муаллиф Сафарзода Рухангези Акбар ба анҷом расонидашуда маводи хуби илмӣ-амалии соҳаи забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ ба ҳисоб меравад.

Автореферати диссертатсияи Сафарзода Рухангези Акбар дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии низоми калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредор дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи тарҷума» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

**Муқарриз:**
Мудири кафедраи забонҳои хориҷии
Академия идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Раҳмонова Наргис Шарифовна

Имзои профессор Раҳмонова Н.Ш.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси АИДНПҶТ Бобозода О.О.

РАЁСАТИ КАДРҲО КОРГУЗОРӢ ВА КОРҲОИ МАХСУС
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ ДЕЛО ПРОИЗВОДСТВА И СПЕЦЧАСТИ

**Суроға:** 734003 ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33
Тел.: (992 37) 224-17-86
www.apa.tj
Телефон: 917-09-02-99
Email:: nargisbonu66@mail.ru.

31.08.2022